# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Мадина Даврונзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувориятигеоэкологӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)

Мусаллам аст, ки солҳои охир сайёҳии экологӣ, яъне шиносоӣ бо табиати нотакрори сайёра барои шаҳрвандон низоми маъмул шудааст. Аммо, ҷанбаҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар сатҳи давлатҳои ҷаҳон ба дараҷаи гуногун таҳқиқ шудаанд, ки идомаи ҳамаҷонибаи корҳои таҳқиқотиро тақозо менамояд.

Бо назардошти нуктаҳои болозикр диссертант Каримӣ Мадина Давронзода дар самти рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда таҳқиқотҳои ҷолибро тӯли солҳои зиёд гузаронидааст ва натиҷаҳои онро дар шакли рисолаи номзадӣ омода кардааст, ки аз автореферати диссертатсия бозгӯ аст. Зеро, рушди сайёҳии экологӣ ба ташаккул ва такомули системаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда – мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва ландшафтӣ алоқамандии зич дорад.

Муқаррар карда шудааст, ки барои таъмини самаранокии истифодаи захираҳои табиии мавҷуда, мебояд баҳодиҳии мутлақ ва нисбии иқтидори сайёҳиву рекреатсионии объекти мушаххаси табиӣ – парваришгоҳи “Дараи Сабз” хеле муҳим буда, то ҳанӯз мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Диссертант бо истифодаи маълумотҳои мавҷудаи таҳқиқоти мавзуъ тавонистааст, ки мавзуи интихобнамудаи худро ҳаматарафа асоснок намояд. Чунки, мушкилоти мавҷудаи таҳқиқоти ташаккул ва такомули сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, аз ҷумла парваришгоҳи “Дараи Сабз”-и вилояти Суғд барои пешрафти соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи боэътимод мегузорад.

Таҳқиқи хусусиятҳои табиӣ, геоэкологӣ ва экологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” ҷиҳати ташкили сайёҳии экологӣ, ки диссертант Каримӣ М.Д. анҷом додааст, меҳвари таҳқиқот буда, бо расидан ба ҳадафҳои мухталиф, аз ҷумла гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ тавассути экспедитсияҳои комплексии илмӣ, таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд бо гуруҳбандии намудии маҷмӯи захираҳои табиии ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”, таҳияи харитаҳо, хатсайрҳои сайёҳии экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” бо тавсифоту тавзеҳоти мушаххас ва ғайраҳо ба иҷро расидааст. Инчунин, аз ҷониби муаллиф ҷиҳати муайян намудани омилҳои таъминкунандаи устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар шароити ташкили сайёҳии экологӣ таҳқиқоти дараҷаи баланд бо таҳлили амиқ амалӣ карда шудааст.

Ба диссертант Каримӣ М.Д. муяссар гардидааст, ки тавассути таҳқиқи маҷмуавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, ҳамчун объекти табиӣ ва сайёҳӣ арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд аниқу дақиқ намояд, ки навгонии илмии диссертатсияро таъкид менамояд. Ӯ тавонистааст, ки дар заминаи омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба хулосаҳои боэътимоди илмӣ дастрас гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии мавҷуда, омӯзиши таъсири сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии маҳал ба муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” ва ғайра заминаи мусоид муҳайё менамояд. Лекин, муҳаққиқро мебоист дар доираи таҳқиқот ҷиҳати арзёбии захираи мавҷудаи объекти таҳқиқотӣ маълумотҳои мавҷударо таҳлил намуда, ҷанбаҳои таъсиррасон ба устувории

геоэкологии маҳалро дар мисоли рушди сайёҳии экологӣ тавзеҳ диҳад. Эҳтимол меравад, ки ҷузъи мазкур дар таҳқиқотҳои ояндаи муаллиф дар мадди назар қарор мегирад.

Қимати илмии таҳқиқоти рисолаи номзадӣ дар он аст, ки муҳаққиқ бевосита дар корҳои саҳроӣ, дар соҳаи муҳандисӣ-геологӣ, геоэкологӣ ва харитасозии объект шахсан иштирок намудааст ва харитаҳои муҳандисию геоэкологӣ, қонунияти типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологӣ дар он тартиб дода шудааст.

Бо назардошти таҳлили маълумотҳои илмии дарҷёфта диссертант Каримӣ Мадина Давронзода соҳиби дараҷаи хуби муҳаққиқӣ буданашро исбот менамояд ва сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои география,
и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёти
ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Амонатзода М.А.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Тел.: (+992) 98-511-09-84
E-mail: amonat_84@mail.ru

Имзои Амонатзода М.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроғаи муассиса:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Тел.: (+992-37) 234-83-46
E-mail: tguk@mail.ru.
“_4_” _11_ соли 2025